«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор
_____________ Зиёӣ Х.М.
«15» ____ соли 2021

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04. – масъалаҳои сиёсии муносибаҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Диссертатсияи илмии Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон ба масъалаи муҳимми муосири илми сиёсатшиносӣ –нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ бахшида шудааст, ки моҳияти илмӣ-амалӣ дорад. Моҳият ва таъйини хусусиятҳои масъалаи гендерӣ мавҷудияти қолабҳои гендерӣ ва дурнамои тағйиру таҳкими он, татбиқи масъалаҳои ташаккулёбии раванди гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун муайянкунандаи нишондиҳандаи татбиқи меъёрҳои рушди демократия дар диссертатсия дарҷ гардидааст.

Муҳиммияти мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, навовариҳои илмӣ бо асосноккунии назариявию амалӣ ва коркарди усулии мавзӯъ дарҷ гардидааст. Диссертант кӯшиш намудааст ба таври зарурӣ масъалаҳои мубрами мавзӯи кори илмиро дар ҳар боб ва параграфҳои он бо низоми тавсиф, манбаъҳо, таркибот дарҷ намояд.

Дар **муҳиммияти мавзӯи** таҳқиқоти илмӣ оид ба таъмини ҳуқуқҳо ва имкониятҳои баробарии мардону занон чун тамоюли хоси ташаккулёфта, таъсири иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқию идеологии ҳамзистии замони Шӯравии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аҳамияти технологияи ворид намудани унсури гендерӣ ба сиёсати давлатии ин кишварҳо, ки таҳлилу омӯзиш ва коркарди муносибро тақозо мекунад, бо ба инобат гирифтани тамоми хусусиятҳои қишрҳои ҷомеа баррасӣ гардидааст. Диссертант дар мавриди таҳлилу омӯзиши технологияи амалисозии ҷиҳати рушди

раванди ташаккули сиёсати давлатии унсури гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табодули таҷрибаро дар масъалаи истифодаи дастовардҳо барои кишварҳои минтақа аз аҳамият холӣ намедонад.

Диссерннтант сатҳи омӯзиши масъала ва **дараҷаи коркарди илмии мавзӯъро** дар осори олимон дар доираи илмҳои фалсафа, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва таърихию фарҳангӣ бо хусусиятҳои байнисоҳавӣ ба панҷ гурӯҳ тақисибандӣ менамояд, ки ҷанбаҳои гуногуни сиёсати давлатӣ ва иҷтимоиёти гендериро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Диссертант фарқи диссертатсияи худро аз дигар таҳқиқот дар он мебинад, ки масъалаи гендерӣ дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ гардида, дар қиёс бо сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия **объекти таҳқиқот** нақши унсури гендерӣ дар ташаккулёбии сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ ва хусусиятҳои он дар замони муосир мебошад.

Диссертант **мақсад аз навишти диссертатсия**ро таҳлили раванди шаклгирии сиёсати гендерӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳо медонад, ки барои ба даст овардани он вазифаҳои зеринро мегузорад:

– таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккули масъалаи гендерӣ, баррасии гендер чун зуҳуроти таърихию иҷтимоӣ;

– таҳлили хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ;

– таҳқиқи омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва маърифатӣ дар бавуҷудоии табъизу зӯроварии гендерӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;

– муайян намудани табиати қолабии гендерӣ чун ҷузъи иҷтимоию фарҳангӣ;

– дурнамоӣ ва таҳкими унсури гендерӣ дар сиёсат.

Диссертант барои пажӯҳиши масоили гендерӣ на дар доираи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар доираи сиёсати кишварҳои Осиёи Марказӣ мақсадгузорӣ менамояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** аз усулҳои таҳлили таърихӣ, ҳуқуқӣ, таҳлили оморӣ, қиёс, баҳогузорӣ иборат мебошад. Дар диссертатсия истифодаи усули вазифавӣ ба инобат гирифта мешавад, ки имкон медиҳад, салоҳияти ниҳодҳои давлатиро дар татбиқи сиёсати гендерӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад. Усули мазкур воқеияти иҷтимоиро дар ҷомеа ҳамчун инъикоскунандаи воқеияти айнӣ таъмин менамояд.

Диссертант **аҳамияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқотро аз муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои дар диссертатсия мавҷудбуда, имкони ба таври воқеӣ пурра кардани донишҳои илмии аз тарафи

сиёсатшиносони ватанӣ ҷамъовардашударо вобаста ба масъалаҳои равандҳои муосири рушди сиёсати гендерӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ ва тамоюлҳои дар ин самт мавҷударо таҳлил менамояд. Муаллифи диссертатсия баррасӣ ва муайян намудани дастовардҳои кишварҳои Осиёи Марказиро барои кишвари мо муҳим дониста, баҳри табодули таҷриба ва дар ин замина, такмил додани раванди рушди сиёсати гендерӣ аҳамияти илмию амалидошта медонад.

Муаллифи диссертатсия **навоварии илмии таҳқиқот**ро бо натиҷаҳои масъалаҳои таҳқиқшуда дар диссертатсия чунин баррасӣ намудааст:

– Асосҳои назариявии ташаккул ва рушди масъалаи гендерӣ ҳамчун равияи илмӣ ва зуҳуроти таърихию иҷтимоӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои шаклгирии баробарии ҷинсӣ ҳамчун равияи илмию амалӣ ва нақши он дар фаъолгардии ҳаракатҳои занон дар ҷаҳон ва минтақа муайян менамояд;

– Хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ, ки ба омӯзиши раванди умумии ташаккули сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд, асоснок карда шуда, ҷанбаҳои назариявию амалии онҳо муайян карда шудаанд;

– Сабабҳо ва омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва маърифатии мавҷудияти табъизу зӯроварии гендерӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, табиати иҷтимоию сиёсии масъалаҳои гендерӣ дар минтақа таҳқиқ ва асоснок карда шуда, дар ин замина дастовардҳо ва мушкилоти мавҷуда дар татбиқи сиёсати гендерии кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ гардидаанд;

– Заминаҳои таърихию иҷтимоии пайдоиш ва мавҷудияти қолабҳои гендерӣ ҳамчун омили иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шуда, нақши онҳо дар ташаккул ва татбиқи сиёсати гендерии давлатҳои Осиёи Марказӣ асоснок мегарданд.

– Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил карда шуда, василаҳои устуворгардонии он муайян карда шудаанд. Вазъи муосири татбиқи сиёсати гендерӣ, мушкилот ва дурнамои рушди он дар замони муосир арзёбӣ гардида, дастоварду мушкилоти кишварҳо дар ин самт тақсимбандӣ карда шудаанд.

Диссертант **зарурат ва моҳияти** пешниҳоди диссертатсияро, ки аз ду боб, ки аз зербобҳо иборатанд, чунин тавзеҳ медиҳад:

Дар боби аввал – **“Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва инкишофи масъалаҳои гендерӣ дар илми муосир”** таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили асосҳои назариявӣ чун равияи илмӣ, хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар

мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ, шаклгирии методологияи омӯзиши мавзӯъ равона шудааст.

Муаллифи диссертатсия бар он ақида аст, ки накши назариявии **мавзӯи гендер** ҳамчун консепсияи илмӣ, гендер ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ ва биологию иҷтимоӣ мубрамияти худро аз даст надода, дар заминаи дастовардҳои илму сиёсат дақиқтар мегардад.

Дар зербоби аввали боби якум **"Асосҳои назариявии ташаккули масъалаи гендерӣ"** мафҳуми ҷинс ё гендер аз назари фалсафӣ, сиёсӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ тавсиф мегардад. Аз нуктаи назари фалсафӣ моҳияти аслии решаҳои биологӣ ва иҷтимоии ҷинс, ҳувият ва худшиносии он омӯхта мешавад. Таҳлили равандҳои гендерӣ нишон медиҳад, ки заминаи фарҳангӣ дар шакли меъёру анъана ва суннатҳои ташаккулёфта, ки аз насл ба насл мегузаранд, борҳо рӯ ба рӯ шуда, онҳоро чун чаҳорчӯбаи рафтор ба худ қабул менамояд. Омилҳои динӣ хосатан мавқеи занонро аз диди офариниш баҳо дода, мавқеи онҳоро дар муносибат бо мардон абадӣ, тағйирнопазир ва муайяншуда ҳисоб мекунад. Муқаррар намудани мавқеи иҷтимоии зан ҳамчун нигаҳдорандаи манзил тамоми имкониятҳоро баҳри пешрафти онҳо барҳам мезанад, зеро муҳити иҷтимоие, ки барои зан муайян мешавад, барои рушду камолоти ӯ ҳамчун шахсият мусоидат намекунад. Яке аз умумиятҳои таърихие, ки дар доираи он ҳамзистӣ, ташаккули тарзи рафтор, мафкура, зиндагӣ, умумияти фарҳангӣ ва анъанаву урфу одат ба миён омадааст, ин миллат аст, ки ҳарду ҷинс дар рушду мавҷудияти имрӯзаи он накши асосӣ доранд.

Ба сифати яке аз назарияҳо бо номи феминизм – муборизаи занон барои баробарҳуқуқӣ баромад мекунад, ки он ҳамчун ифодакунандаи талош дар самти таъмини баробарҳуқуқии мардону занон тӯли зиёда аз як садсола амал менамояд. Асосноккунии феминизм ҳамчун назарияи фалсафӣ бесабаб нест, зеро воқеан инсон ҳамчун мавҷудоти ҷамъиятӣ ва биологӣ, новобаста ба тафовутҳои ҷисмонӣ қонунияти ягонаи офариниш дорад. Фақат дар доираи қонунҳои иҷтимоӣ ин нобаробарӣ ба вуҷуд меояд. Суфражизм маънои "ҳуқуқи овоз"-ро дорад ва барои муборизаи занон барои ба даст овардани ҳуқуқи овоздиҳӣ равона карда шуда буд. Диссертант марҳалаҳои гуногуни феминизмро қайд менамояд.

Дар зербоби дуюми боби якум **"Хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ"** сиёсати гендерӣ дар сатҳи байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва баҳодиҳӣ қарор мегирад. Вобаста ба аҳамияти рӯзафзуни гендер дар сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ ба масъалаҳои тадкиқотҳои гендерӣ диққати махсус дода шуда, онҳо хусусияти соҳавӣ, марҳалавӣ ва ҳисоботӣ дорад. Диссертант вобаста ба

мазмун ва моҳияти таҳқиқоти гендерии дар кишварҳои Осиёи Марказӣ гузарондашуда қайд менамояд, ки онҳо аз ҷониби созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва тариқи пурсишҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат тавассути ташкилотҳои ҷамъиятии дохилӣ гузаронида шудаанд. Диссертант моҳияти таҳқиқоти гендерии гузаронидашударо дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон нишон медиҳад.

Омӯзиши масъалаҳои гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалавӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ баҳри муқаррар намудани мушкилиҳо дар ин самт барои муайян намудани дурнамои рушди сиёсати гендерӣ маводи бойи тадқиқотӣ пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, дар мавзӯъҳои фаъолнокии сиёсию иқтисодии занон, нақши қолабҳо дар татбиқи сиёсати гендерӣ, пешгирии табъиз ва зӯроварӣ, баҳри андешидани чораҳои мушаххаси амалӣ дар ин самт мусоидат намуда истодаанд.

Диссертант зикр менамояд, ки таҳлили хусусиятҳои таҳқиқотии гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт як қатор мушкилиҳо ҷой доранд: аз ҷумла:

- Зӯроварӣ ва табъизи гендерӣ дар заминаи таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ, таърихӣ ва иқтисодӣ;
- Мавҷудияти қолабҳои гендерӣ ҳамчун шакли тафаккур, ақида, ҷаҳонбинӣ ва ғояи таассубӣ ва ё хуруфот;
- Бомуваффақият ҷой доштани иштироки занон дар раванди идоракунии ҳокимият ва қабули қарор дар иқтисод, иҷтимоиёт ва дигар соҳаҳо;
- Воситаи миллии татбиқи сиёсати гендерӣ дар минтақа ҳамчун василаи амалинамоии ҳадафҳо бо истифода аз заминаҳои дихилӣ ва воситаҳои ёрирасони беруна.

Дар боби дуюм – **“Табиати иҷтимоию сиёсии масъалаи гендерӣ ва хусусиятҳои он дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ”** дар мавриди зӯроварии гендерӣ, қолабҳои гендерӣ, дурнамои таҳкими омили гендерӣ сухан меравад.

Муаллифи диссертатсия дар зербоби аввали боби дуюм – **“Зӯроварии гендерӣ: ҷанбаҳои сиёсию ҳуқуқии пешгирии он дар кишварҳои Осиёи Марказӣ”** маълум менамояд, ки зӯроварӣ ва ё табъизи гендерӣ дар шаклҳои гуногун ҷой дошта, зӯроварии иқтисодӣ, психологӣ, шаҳвонӣ ва монанди инро дар бар мегирад. Аммо диссертант табъизи сиёсиро мавриди таҳқиқи махсус қарор дода, онро мушкилоте, ки ба омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад, медонад. Ин аст, ки

мушкилоти эътирофи баробарҳуқуқии мардону занон дар доираи оила маҳдуд нашуда, баръакс он ба ҷомеа паҳн мегардад.

Дуруст қайд мегардад, ки таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки баҳри беҳтар намудани вазъи гендерӣ баробарҳуқуқии мардону занонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат медиҳад, ки раванди амалишавии онҳо ба пешрафти иҷтимоии занон, устуворшавии мавқеъ ва мақоми онҳо дар ҷомеа мусоидат менамояд. Таҳлилҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он шаҳодат менамояд, ки таҳкими мавқеи занон дар ҳама самтҳо ва сатҳҳои роҳбарикунандаи давлатию ҷамъиятӣ ҷавҳари сиёсати гендериро ташкил дода, баҳри самаранок татбиқ гардидани мақсадҳои давлат дар ин самт мусоидат мекунанд.

Диссертант ҳамчунин яққатор тавсияҳои кумитаи Созмони Милали Муттаҳидро дар бартараф намудани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ёдовар мешавад, ки татбиқи онҳо аллакай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад.

Бар зербоби дуюми боби дуюм **"Қолабҳои гендерӣ ҳамчун ҷузъи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ташаккули сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ"** муаллиф қолабҳои гендериро дар рушди сиёсат аз назари иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад ва менависад, ки олимон тӯли асрҳо мавзӯи мазкурро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Муаллифи диссертатсия қолабҳои гендериро вобаста ба заминаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва таърихию андросентризмиро чунин медонад ва шарҳу тавзеҳ медиҳад:

– Эътироф накардани иштироки занон дар сиёсат, аз рӯи ақидае, ки "сиёсат кори ифлос аст" нишонае аз мавҷудияти қолабҳо аст;

– Қабул накардани иштироки занон дар сиёсат, бо сабабе, ки онҳо имкониятașон кам мегардад, ки масъулияти модарӣ ва ҳамсариашро иҷро намоянд;

– Ҳанӯз хам мавқеъ доштани назарияҳои мардмеҳварӣ, ки мардонро асоси ҳама гуна пешравӣ медонанд;

– Тасаввурот ва қолабҳо вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ сатҳи устувории худро нигоҳ дошта, имконияти иҷтимоӣ, дар маҷмӯъ, ба сатҳи донишҳои гендерӣ таъсири худро мерасонанд;

– Ҳоло ҳам дар деҳот муҳити иҷтимоӣ хусусиятҳои кӯҳнапарастии худро вобаста ба мавқеи занон нигоҳ дошта, ба сатҳи умумии фаъолнокии онҳо таъсири бевоситаи худро мерасонад;

– Тафовути арзишҳо ва мавқеъҳо вобаста ба масоили гендерӣ дар деҳот ва шаҳр нишон медиҳад, ки сатҳи ҳассосияти маконӣ ва замонӣ доранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **“Дурнамои таҳкими омили гендерӣ дар сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ”** диссертант аҳамияти воридсозии унсури гендериро ба таркиби сиёсати давлатӣ бо як қатор афзалиятҳоро нишон медиҳад, аз ҷумла, таъмини баробарҳуқуқии мардону занон, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои занон новобаста ба мавҷудияти анъана ва қолабҳои гендерӣ, шароит фароҳам овардан барои аз байн бурдани нобаробарии иқтисодӣ ва таҳким бахшидани захираҳои меҳнатӣ таъмини риояи усулҳои демократӣ, роҳ надодан ба табъиз аз рӯи мансубияти ҷинсӣ, таъмини солимии ҷомеа, аз он ҷумла солимии наслдиҳӣ, таъмини дастрасии баробар ба таҳсил, решакан намудани ақидаҳои ифротӣ ва таассубӣ вобаста ба мавқеи зан дар ҷомеа, ташаккули тафаккури озоди ҷамъиятӣ вобаста ба мавқеи занону мардон дар ҷомеаву оила мебошад.

Муаллифи диссертатсия ҳамчунин, натиҷа ва хулосаҳои асосии илмии таҳқиқот вобаста ба навишташудаҳои дар боло зикр гардидаро, дар охири диссертатсия дарҷ намудааст.

Диссертант тавонистааст дар кори таҳқиқотӣ ба як қатор муваффақияти илмӣ ноил гардад, аммо дар баробари ҷанбаҳои мусбати он **баъзе нуқтаҳо ва норасоиҳо вуҷуд доранд, ки барои мукаммал гардонидани мавзӯъ ва дастгоҳи сохтории он аз манфиат холӣ нест:**

1. Маълум аст, ки ҳар як кори таҳқиқотӣ бе навоварии илмӣ мавқеи муайян надорад. Муаллифи диссертатсия навовариҳое пешниҳод намудааст, ки моҳиятан дурустанд, аммо беҳтар мебуд, мушаххасии усули баён бо усули сирфан илмӣ иброз мегардид.
2. Дастгоҳи анъанавии сохтории диссертатсия ба пуррагӣ риоя нагардидааст. Баъзан такрори моҳиятан вуҷуд доштани фикр ба назар мерасад, ки на танҳо шаклгирии диссетратсияро, балки равиши мазмуниро низ коста мегардонад.
3. Албатта мазмун ва баррасии мавзӯи нигаронидашуда, ба ақидаронииҳои диссертант вобастагӣ дорад, вале ба назари мо беҳтар мебуд бештар ҷанбаи сиёсии масъалаи таҳқиқшаванда ба инобат гирифта мешуд.
4. Дар сохтори кори илмӣ нобаробарии параграфҳои бобҳо ва саҳифабандии онҳо вуҷуд дорад, ки тавозуни мавзӯҳоро ба ҳам мезанад. Масалан, боби якум аз ду параграф ва боби дуюм аз се параграф иборат аст.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои мазкур сифати кори илмӣ-таҳқиқотиро коста намесозад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар

мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, диссертант Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси зикргардида мебошад.

Тақриз дар Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардидааст (протоколи №__22_ аз _15.04.2021_).

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои сиёсӣ Нуриддин П.Р.

Котиби ҷаласа, коршиноси Раёсат,
корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашуров М.А.

Лоиҳаи тақризро омода кард,
номзади илмҳои фалсафа Назриева О.Ш.

Имзоҳои Нуриддин П.Р., Ашуров М.А.
ва Назриева О.Ш.-ро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус
ва умумии Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодиева З.Д.

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89,
тел.: (+992 37) 221-11-00, факс: (+992 37) 221-11-00,
E-mail: info@mts.tj